**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи доктории Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи** «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ» **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забошиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Илм муттасил дар рушд аст. Ва ҳар замон марбут ба пешрафт ва тақозои ҷомеа ҷанбаҳои илм низ тағйир меёбанд, ки он новобаста ба соҳа, самт ва ихтисос таъсири хешро мегузорад. Аз ин таҳаввулот илмҳои филологӣ ҳам дар канор намондаанд.

Дар даврони истиқлолияти кишвар дар самти забоншиносӣ ба пажуҳиши илми лингвофолклористика оғоз бахшида шуд, ки диссертатсияи доктории Насимов Нуриддин Исоевич таҳти унвони «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ» аз зумраи онҳост.

Аз автореферати диссертатсия аён мегардад, ки пажуҳиши мазкур аз муқаддима, чаҳор боб, 28 фаслу зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссератaтсия **«Масъалаҳои назариявӣ дар робита ба забон, фолклор ва лингвофолклористика»** аз чор фасл иборат буда, дар фасли якум – «Назаре ба таърихи пажуҳиши забон, фолклор ва лингвофолклористика» оид ба таърихи омӯзиши забон, бахусус забони тоҷикӣ, фолклор ва лингвофолклористика, дар фасли дуюм – «Перомуни соҳиби забону муаллифи фолклор» роҷеъ ба аҳаммият ва муҳиммияти забону фолклор ва халқ, дар фасли сеюм – «Мундариҷа ва сохтори забонии матнҳои фолклории Сари Хосор» оид ба омӯзиши муштарак, пайвасту ҳамзамони фолклор ва забони он ҳамчун мавзуи асосии баҳси лингвофолклористика, дар фасли чоруми «Пажуҳиши суруди «Ман доғ»-и Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклоролистӣ» оид ба таҳқиқи комили намунавии линвофолклористии матни фолклории суруди мазкур сухан меравад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Назари лингвофолклористӣ ба хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор»** панҷ фаслро ташкил дода,

**«Омори овозии фолклори Сари Хосор»**, **«Сохти овозии диалектизмҳои якҳиҷоӣ»**, **«Овозҳои маънодор ва ёридиҳанда»**, **«Мавқеи овози ъ»** ва **«Ҳодисаҳои овоӣ дар фолклори Сари Хосор»**-ро дар бар мегирад.

Аз ҷумла қайд гардидааст, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои фонетикӣ, аз ҷумла афзоиш, афтидан, бадалшвaӣ, дуршавӣ (диссимилятсия), монандшавӣ (ассимилятсия), тахфиф ва ҷойивазкунии овозҳо ҳам мавзуи баҳси бахши фонетикаи забоншиносӣ ва ҳам яке аз қисмҳои илми лингофолклористика маҳсуб меёбад.

Боби сеюм **«Ҷанбаҳои вожагонии фолклори Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ»** ба шаш фасл - **«Калимаҳои аслии хоси махзани асосии луғавии забони тоҷикӣ дар фолклори Сари Хосор»**, **«Калимаҳои серистеъмоли фолклори Сари Хосор»**, **«Лексикаи динӣ дар назми фолклори Сари Хосор»**, **«Синонимҳо»**, **«Омонимҳо»** ва **«Антонимҳо»** ҷудо шудааст.

Фолклори Сари Хосор, ки зиёда аз 7700 ногӯйи калимаро дар бар мегирад, ба истиснои диалектизмҳои лексикӣ ва калимаҳои иқтибосӣ 7000 ададаш (91,0 фоизашро) калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошад, ки ба истилоҳ ҳам умумихалқӣ, ҳам умумитоҷикӣ ва ҳам умумиистеъмолӣ маҳсуб меёбанд.

Боби чоруми диссертатсия **«Диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор»** ном дошта, аз шаш фасл иборт аст. Фаслҳои он ба **«Мавқеи диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор»**, **«Диалектизмҳои лексикӣ»**, **«Таснифи диалектизмҳои фонетикӣ»**, **«Диалектизмҳои морфологӣ»**, **«Диалектизмҳои морфологӣ-синтаксисӣ»** ва **«Диалктизмҳои фразеологии феълӣ»** бахшида шудааст. Нахуст дар бораи диалеклтизмҳо сухан меравад, ки яке аз мавзуъ ва масъалаҳои асосии омӯзиши илми лингвофолклористика ба ҳисоб меравaнд. Диалектизмҳо дар забони адабӣ ва асарҳо бо мақсади тавсифи нутқи қаҳрамонон ё намояндагони ягон мавзеъ, аз ҷумла маҳаллаҳо, деҳот, ноҳия, шаҳр, минтақа ва вилоятҳо истифода мешаванд.

**Муаллиф таҳқиқ намудааст, ки диалектизимҳо дар фолклори Сари Хосор мавқеи муҳим ва хос доранд.** Дар матнҳои фолклории назмӣ, насрӣ ва драмавӣ бештар аз 3500 номгӯй ва ҷамъан 13500 калимаро (47 фоизро) – диалектизмҳо ташкил медиҳад.

Дар хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии диссертатсия Насимов Н.И. натичаи таҳқиқи худро дар 27 ва 9 банд баён мекунад, ки ҳар яки онҳо заминаҳои устувори илмӣ доранд. Илова бар ин, диссертатсия, дар мачмуъ, дар сатҳу савияи илми забоншиносӣ таълиф гардидааст ва он, воқеан, метавонад дар таҳқики лингвофолклористии забоин матнҳои фолклории точик саҳифаи наверо боз намояд.

Дар қатори дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд:

1. Дар автореферат ғалатҳои **имлоӣ** (ниг. с. 5, 12, 17, 22...) мушоҳида мешаванд.
2. Дар баъзе бобҳо муаллиф фақат саргарми зикри мисолҳо шуда, онҳоро кам таҳлил менамояд.

Чунин эродҳо ба сифати пажуҳиш таъсир намерасонанд.

Таълифоти илмии довталаб аз 3 монография, 2 луғат ва 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақолаи дар нашрияҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда иборатанд ва нуктаҳои асосию натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат намуда, мавзуи рисола ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 – Забошиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, бо муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забошиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илми филология,**
**дотсенти кафедраи**
**забон ва адабиёти тоҷики**
**факултети забонҳои шарқи**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров»** **С.Б. Ҷӯраева**
**E-mail: sarvinoz.79@mail.ru**
**Тел.: (92) 774-05-01.**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.**
**Телефон: (+992-3422) 6-52-73, факс: (992-3422) 6-75-18**
**www.hgu.tg, e-mail: rektor@ hgu.tg**

**Имзои доктори илми филология Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловнаро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»** **З. С. Ҳусейнова**

16.09-2024